**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи Алишерзода Фарзона «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Омӯзиш ва ба риштаи таҳқиқ кашидани вежагиҳои маъноиву сохтории соматизмҳо дар асоси осори адибон яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои маъноиву сохтории вожаҳои соматикӣ дар заминаи осори насриву назмии адибон хуб муайян карда мешавад, зеро шоиру нависандагон бо истифода аз ин навъ вожаҳо, ки аксари онҳо хусусияти сермаъноӣ доранд, матлабро боз ҳам равшану дақиқ баён месозанд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар забоншиносии тоҷик масъалаи махсусиятҳои истифодаи соматизмҳои эҷодиёти адибон ба таври иҷмолӣ омӯхта шудааст. Аз ин рӯ, мавзӯи диссертатсияи Алишерзода Фарзона “Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ” актуалӣ ва қобили таваҷҷуҳ ба шумор меравад.

Рисола чунон ки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Маводи асосии диссертатсия аз мунтахаби сеҷилдаи ашъори Фарзона – «Қатрае аз Мӯлиён», ҷилди дуюми «Ҳама гул, ҳама тарона» ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ гирд оварда шудааст.

Диссертант Алишерзода Фарзона бо истифода аз усулҳои таҳлилӣ-семантикӣ, семантикӣ-сохторӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, луғатшиносӣ, оморӣ дар се боби кораш ҷараёни ба хусусияти сермаъноӣ соҳибгардии соматизмҳоро дар мисоли ашъори шоирони зикршуда нишон додааст; нақши соматизмҳоро дар сохтани вожаҳои сохтаву мураккаб ва омехтасохти ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ муайян намудааст; ҳамчунин саҳми вожаҳои

соматикиро дар созмони ибораҳои озод ва фразеологии ашъори шоирони мавриди назар аниқ кардааст.

Дар қисмати хулосаи рисола муҳаққиқ бардоштҳои худро дар 12 банд ҷамъбаст намудааст.

Ҳамин тариқ,докторант (Phd) Алишерзода Ф. аз иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромадааст, барои таълиф кардани чунин таҳқиқот осори зиёд ва зарурии ба мавзуъ рабтдоштаро мутолиа кардааст, барои дуруст маънидод намудани вожаҳои соматикии ашъори Фарзонаву «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ луғатномаҳои зиёдро аз назар гузаронидааст.

Аз маводи гирдомада ва тарзи таҳлили онҳо бармеояд, ки Алишерзода Фарзона солҳои тӯлонӣ дар атрофи масъалаи мазкур машғули пажӯҳиш аст. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур муаллиф 9 мақола, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки онҳо далели арзиши муҳими назарӣ ва амалӣ доштани пажӯҳиши мавриди назаранд.

Дар автореферати рисолаи мазкур баробари муҳассанот баъзе аз камбудиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар таҳрири ояндаи кор манфиатбахш хоҳад буд.

1. Беҳтар мешуд, ки ҳамаи байтҳои ба сифати мисол дар автореферат овардашуда дар қолаби шеърӣ нишон дода шаванд.
2. Дар фишурдаи рисола ғалатҳои имлоиву услубӣ ва китобатӣ ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба арзиши таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазир буда, ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, кори таҳқиқотии Алишерзода Фарзона дар мавзӯи «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» ба талаботи КОА-и назди Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, докторнат (Phd)

Алишерзода Фарзона ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

Муқарриз:
Сардори қисми таълими факултети №4-и
Академияи ВКД ҶТ, номзади илмҳои филологӣ,
майёри милитсия Ҷабборова Муяссарҷон Тоҳирҷоновна

Сана: 06.01.2021
Телефон: 92-868-14-90

«Имзои Ҷабборова Муяссарҷон Тоҳирҷоновнаро тасдиқ менамоям».
Сардори шӯъбачаи кор бо ҳайъати шахсии
факултети №4-и Академияи ВКД ҶТ,
полковники милитсия Олимзода А. А.